Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 17, хонаи 1)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сафарзода Сафармад Саид дар мавзуи Такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа (дар асоси маводҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод гардидааст.**

Дастгирии сармоягузорӣ дар минтақаҳои тобеи ҷумҳурӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ маҳсуб мешавад. Он ба рушди устувори инфрасохтор, зиёд кардани ҷойҳои корӣ ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд. Дар шароити кунунӣ механизми дастгирии сармоягузорӣ асосан тавассути имтиёзҳои андозӣ, грантҳо ва субсидияҳо, ҳамкории давлатӣ ва хусусӣ ва содда кардани расмиёти ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Ин чораҳо барои ҷалби сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ ва рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ накши муҳим доранд.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти илмии Сафарзода С.С. маҳз ба ҳамин масъала бахшида шуда, дар шароити кунунии иқтисодиёти миллии Тоҷикистон саривақти ва актуалӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳқиқоти мазкур ба таҳлилу омӯзиши ҳолати амалкунанда ва масъалаҳои такмилдиҳии механизмҳои дастгирии сармоягузорӣ дар минтақаҳои тобеи ҷумҳурӣ дар заминаи сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ равона шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар ҳалли масъалаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳои тобеи ҷумҳурӣ равиши ҳамаҷониба ва мутамарказ истифода мешавад. Таҳқиқот на танҳо масъалаҳои назариявӣ ва методиро инъикос мекунад, балки роҳҳои амалӣ ва механизмҳои муассири дастгирии сармоягузориро таҳлил намуда, барои такмили сиёсати иқтисодӣ–иҷтимоии минтақаҳо равона шудааст.

Муаллиф дар автореферат кайд менамояд, ки самти асосии сиёсати сармоягузории минтақа дар фаъолнамоии амалкардҳои сармоягузорӣ дар ҳудуди ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, инчунин дар таъмини тамаркуз ва истифодаи самараноки сармоя барои татбиқи барномаҳои равнақёбии иқтисодӣ–иҷтимоӣ равона шудааст.(саҳ.13) Хамчунин аз тарафи унвонҷӯ сиёсати сармоягузории минтақа коркард карда шуда мавриди пешниҳод қарор дода шудааст. (расми 1 саҳ.15) Иловатан ӯ қайд менамояд, ки бунёди фазои мусоид барои сармоягузорӣ, ҷамъоварӣ ва самаранок ба кор андохтани захираҳои сармоя, истифодаи маблағгузориҳои мустақими бучавӣ ва таъсиси механизмҳои танзимгари иқтисодии сармояҳои сафарбаршуда аз нуқтаҳои калидии рушди устувори минтақа ба ҳисоб меравад.

Ба ақидаи муаллиф, яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати сармоягузорӣ дар минтақаҳо ин таъмини истифодаи самараноки сармояҳо, ҷалби маблағҳои дохилӣ ва хориҷӣ ва рушди устувори соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад.(саҳ. 16) Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сармоя ва сармоягузорӣ омилҳои асосии рушди минтақаҳо мебошанд ва истифодаи усулҳои муосир барои ҷалби онҳо ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъсири мустақим мерасонад. (саҳ. 18).

Тавре, ки муаллиф дар мундариҷаи автореферат нишон медиҳад мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба Сафарзода С.С. имкон доданд, ки аз нуқтаи назари илмӣ сохтори диссертатсияро дуруст таҳия намуда, натиҷаҳои зарурии таҳқиқотро бо элементҳои муайяни навгонии илмӣ ба даст оварад.

Умуман, унвонҷӯ таҳқиқоти илмиро бо риояи ҳамаи талаботҳои иҷроиши он ба итмом расонидааст, ки он дорои аҳамияти илмӣ мебошад. Автореферат ва мақолаҳои чопнамудаи муаллиф сохтори диссертатсияро ба пуррагӣ дар бар мегирад.

Дар автореферати тақризшаванда дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, баъзе камбудиҳо низ ҷой дорад:

1. Муаллиф дар автореферати худ пайдарҳамии масъалаҳои мавриди таҳқиқ қароргирифтаро то андозае ба инобат нагирифтааст.

2. Дар автореферат баъзе хатогиҳои стилистикӣ ва техникию ороишӣ дида мешавад.

Камбудӣ ва норасоиҳое, ки дар боло қайд карда шуданд, ҳамчун пешниҳод барои хуб ва васеъ гаштани таҳқиқот оварда шуд, ки зеро онҳо ислоҳшаванда буда, хусусияти тавсиявӣ доранд ва бояд қайд намуд, ки ин камбудҳо ба мазмуни асосии диссертатсия монеа шуда наметавонанд.

Аз ин лиҳоз, бояд қайд намоям, ки автореферати диссертатсияи Сафарзода Сафармад Саид дар мавзӯи “Такмили механизмҳои дастгирии

сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа (дар асоси маводҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисод, аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – иқтисодиёти минтақави ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст, ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.


Тақриздиҳанда:
д.и.и., профессор,
Ректори Донишгоҳи Славянии
Россия ва Тоҷикистон Иброҳимзода И.Р.

Суроға: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи М. Турунзода 30
E-mail: p.rektora@mail.ru

Факс: (992) 37 221-35-50


*Имзои Иброҳимзода И.Р.– ро тасдиқ мекунам:*

Сардори раёсати кадрҳои
Донишгоҳи Славянии
Россия ва Тоҷикистон Исмаилова М.Н.

УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ


Суроғаи муассиса:
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи М. Турунзода 30.

Факс: (992) 37 221-35-50


06.02. соли 2026